Тақриз

ба автореферати диссетатсияи илмии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Диссертатсияи Акрамов А.Х. ба яке аз соҳаи муҳими кишоварзӣ, картошпарварӣ бахшида шудааст ва он дар ҳалли ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ дар деҳот таъмин намудани аҳолӣ нақши муҳим дорад.

Картошкаро дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ, минтақаҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва водӣ парвариш менамоянд. Ҳамзамон пешрафти ояндаи соҳаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ ба ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварии маҳалӣ дар минтақаҳои кӯҳсор вобастагии зич дорад. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ ва истеҳсоли тухмии аълосифат омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор меравандд.

Дар кори диссертант бори аввал хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошкаи воридотиро аз Ҷумҳурии Белоруссия омӯхта, ҷараёни мутобикшавӣ, хосиятҳои морфобиологӣ, устувории онҳо ба шароити минтақа ва касалию таъсири зараррасонҳо бо назардошти самаранокии иқтисодии парвариши онҳо дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

Натиҷаи тадқиқотҳои бисёрсолаи диссертант дар маҳал нишон медиҳанд, ки тағйирёбии иқлим дар минтақа, истифодаи навъҳои воридотӣ, марҳираҳои рушду инкишофёбии растаниҳо дар маҷмӯъ давраи вегетатсияи объектҳои татқиқот аз ҳамдигар фарқ дорад.

Маълум карда шуд, ки маҳсулнокии навъҳои картошка дар минтақаи кӯҳӣ то андозае бо генотипи ин навъҳо ва омилҳои агроэкологии минтақаи парвариш алоқаманд аст.

Диссертант дар асоси татқиқотҳои бисёрсола маълум намудааст, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз назар ба дигар навъҳои омӯзиши нисбат ба касалӣ устуворнокии миёна ва нисбатан баланд дошта, самаранокии иқтисодии парвариши ин навъҳо низ баланд мебошад.Маълум карда шудааст, ки навъҳои мазкур ҳангоми тадқиқот дар шароити Лахш метавонад аз ҳар гектар то 30-40 тонна ҳосили босифат диҳанд.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии амалишуда дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани  он навъҳои ояндадори хориҷӣ дорои ҳосили баланду босифат ба истеҳсолот тавсия шудааст.

Бори аввал диссертант  баҳодиҳии навъҳои нави воридгардидаи (интродуксияи) картошка, сифати тухмӣ, мутобиқати онҳо ба шароити минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва хусусиятҳои дигари онро омӯхта, тавсия барои минтақабобкунӣ пешниҳод намудааст.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ камбудиҳо, аз он ҷумла хатогиҳои грамматикӣ низ ба назар мерасад.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти илмию назариявӣ ва амалии автореферати диссертатсияро кам намекунад ва характери тавсиявӣ дорад.

Бо дарназардошти мухиммияти илмию истеҳсолӣ, мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, натиҷаҳои гирифташуда, таҳлили оморӣ ва асоснок намудани онҳо дар асоси усулҳои тавсияшуда, мазмуну муҳтаво, сохтор ва хулосаю пешниҳодоти муҳими илмию амалӣ диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои  кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофик аст ва муаллиф сазовори хамин дараҷаи илмӣ мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, аъзои вобаста, президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон — Салимзода А.Ф.

Имзои А.Ф Салимзода-ро тасдик мекунам:
сармутахассис оид ба кадрҳои АИКТ — Ғаниева Г.Э.

14.05.2024

Суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21а, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, тел.(+992 37) 221-70-04.